ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.

Дар адабиёти тоҷик татаббуъро донишмандон яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни ҳамдигарии шоирон маънидод кардаанд. Воқеан, татаббуъ ва татаббуъсароӣ яке аз шаклҳои робитаи адабӣ ва таъсирпазирии шоирони даврањои мухталифи таърихи адабиёти тоҷик аз ҳамдигар мебошад, ки ҷараёни пайдоиш ва инкишофи он ба дастгирии ҳомиён ва мадҳу ситоиши онҳо низ алоқаманд буда, зинаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввулро дар фосилаи замонӣ тай намудааст. Ин навъи адабиро донишмандон гоҳо бо истилоҳҳои дигаре монанди пайравӣ, иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯӣ ва назирагӯӣ низ ёд карда, муносибат ва мувофиқати онро бо намуди иқтироҳ (тақозо) низ таъкид кардаанд.

Аз таҳқиқ ва таҳлилҳои анҷомдодаи унвонҷӯ бар меояд, ки оид ба масъалаи сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри асрҳои XI-XII ва нақши шеъри сармашқ дар инкишофи ин падидаи адабӣ то ҳол таҳқиқоти монографии ҷомеъ ба вуҷуд наомадааст. Доираи баҳси назарӣ ва амалии мавзӯи мавриди назар пурвусъат буда, метавон дар атрофи мушкилоти он, бахусус равиши таъсирпазирӣ ва робитаҳои адабии шоирони даврањои гуногун, истиқбол, ҷавобгӯӣ ё татаббуъи ашъори шоирони ҷудогона чандин таҳқиқоти монографӣ анҷом дод. Дар диссертатсияи мазкур саъй карда шудааст, ки сайри таҳаввули татаббӯъ дар шеъри асрҳои XI-XII, равиши усулии татаббуъоти Амир Муъиззӣ ва шоирони ҳамасри ӯ ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва муосирону баъдиниёнашон, мухтассоти ҳунарӣ ва сабки онҳо ва тарзи нигоришашон таҳқиқ ва арзёбӣ карда шавад.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд. Дар таҳияи рисола Мадизода Умеда ба адабиёти навтарини соҳавӣ такя карда, аз муҳаққиқони барҷастаи илми адабиётшиносии кишвар ва хориҷӣ иқтибос овардааст. Яке аз махсусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд биёрад ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Аз лиҳози тартиб кори диссертатсионӣ ба талаботи муқарраршуда мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, рӯйхати адабиёт 209 номгӯйро фаро мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмет, асосҳои назарию методологӣ, навгонии илмии

диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия қайд гардидааст.

Боби якум **«Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ»** унвон дошта, аз 3 фасл ва 2 зерфасл иборат мебошад. Дар зерфасли фасли аввали боб маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ таҳқиқ ва тавзеҳ шудааст. Дар такя ба маълумоти фарҳангҳо ва осори назариявии марбут ба илми бадеъ маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ муайян карда шуда, қаринаҳои дигари он шарҳ ёфтааст. Дар зерфасли дувуми фасли якуми боби якум заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу инкишофи татаббуъ таҳқиқ ва баррасӣ шуда, дар фасли сеюми боби якум масъали сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули татаббуъ таҳқиқ шуданд.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши шоирони ҷудогона дар инкишофи татаббуъ»** номгузорӣ шуда, фаслҳои боби мазкур «Татаббуоти шоирон ба шеъри Унсурӣ ва Фаррухӣ» ва «Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он» номгузорӣ шудаанд.

Боби сеюми рисола **«Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуот»** аз ду фасл «Мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он» ва «Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот» иборат аст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд. Хулосаҳою тавсияҳои Мадизода Умеда касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд.

Диссертатсияи анҷомёфта дар оянда ба унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ ва муҳақиқони масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар омӯзиш ва арзёбии вижагиҳои ташаккул ва таҳаввули татаббуъ дар эҷодиёти шоирони ҷудогона ва давраҳои мухталиф ёрӣ расонда метавонад. Ҳамчунин, таҷрибаи муаллифи диссертатсияи мазкур барои таҳқиқ ва баррасии паҳлуҳои ҷудогонаи ин мавзӯъ, аз ҷумла, омилҳои инкишоф ва таназзули татаббуъсароӣ дар давраҳои мухталиф ба муҳаққиқон мадад мерасонад. Маводи дар диссертатсия гирдомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, накди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан, курс ва семинарҳои ихтисосии факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар маҷмуъ, сайри таҳаввули татаббуъ дар асрҳои XI-XII ва нақши шоирони ин давра дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули он, робитаҳои адабии шоирони давраҳои гуногун дар ин замина мероси адабию фарҳангии боғанои тоҷикон буда, паҳлуи муҳими адабиёти форсии тоҷикии давраи хосро ташкиил медиҳад. Диссертатсияи Мадизода Умеда оғози пажуҳиши вижаи илмӣ дар ин самт буда, диққати муҳаққиқон ва

алоқамандони адабиётро ба омӯзиши масъалаҳои алоқаманд ба он ҷалб мекунад. Таҳқиқи густурда ва фарогири таърихи ташаккул ва таҳаввули падидаи адабии татаббуъсарой ва фарозу фуруди он дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик буда, дурнамои мавзӯи диссертатсияро таъйид менамояд.

Қобили зикр аст, ки Мадизода Умеда аз уҳдаи навиштани рисолаи илмӣ ва таҳлили илмии натиҷаҳои ба даст омада ба хубӣ баромада, дар раванди гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таҷрибаи хуб нишон додааст ва ба натиҷаи назарраси илмӣ ноил гардидааст. Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Саҳми довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,
професор, сардори Раёсати магистратура,
аспирантура ва докторантураи PhD-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қосимзода
Солеҳ Салим

Имзои Қосимзода С.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Т.С.

Нишонӣ:
734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33
Нишонии электронӣ: soleh_76@mail.ru
Телефон: (+992) 93 583 76 76
27.08.2025